**Даҳсолаи байналмилалии амал**
**«Об барои рушди устувор»,**
**солҳои 2018-2028**

**(Пешниҳоди Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**бо қабули қатъномаи МУ СММ**
**аз 21 декабри соли 2016 пазируфта шуд)**

Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар маросими ифтитоҳи Конфронси байналмилалии сатҳи баланд оид ба Даҳсолаи байналмилалии амалиёт «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028»
Июнь 20, 2018 09:35

*20.06.2018, шаҳри Душанбе*

Муҳтарам сарони давлатҳо ва ҳукуматҳо,
Муҳтарам роҳбарон ва аъзои ҳайатҳо,
Хонумҳо ва ҷанобон!

Ҳамаи шуморо ба шаҳри Душанбе дар Конфронси байналмилалии сатҳи баланд оид ба Даҳсолаи байналмилалии амалиёт «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028» хайрамақдам мегӯям.

Умед дорам, ки аз рӯйи натиҷаҳои чорабинии имрӯза, ки дар ҳамкорӣ бо Созмони Милали Муттаҳид ва дигар шарикон доир мегардад, ҷиҳати татбиқи ҳадафу вазифаҳои дар сатҳи байналмилалӣ дар арсаи захираҳои об мувофиқашуда иқдомоти амалии муассир сурат хоҳад гирифт.

Итминон дорам, ки конфронси имрӯза барои таҳияи тавсияҳои мушаххас роҷеъ ба мавзӯъҳои ҷаласаи дарпешистодаи Форуми сиёсии сатҳи баланд оид ба рушди устувор, ки дар он Ҳадафи шашум оид ба захираҳои об муҳокима мегардад, имконоти мусоид фароҳам меорад.
Бо ибтикори Раиси Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид 22-юми марти соли равон – дар Рӯзи умумиҷаҳонии захираҳои об – мо ҳама якҷо ба раванди татбиқи Даҳсолаи нави байналмилалӣ оид ба об ҳусни оғоз бахшидем.

Мехостам ба Дабири кулли Созмони Милали Муттаҳид ва ҳамсафонаш барои таҳия ва оғози роҳандозии Нақшаи амалиёти Даҳсола, ки метавонад василаи муҳимми раванди татбиқи он гардад, арзи сипос намоям.

Муҳтарам хонумҳо ва ҷанобон!

Мо ба пешбурди Даҳсолаи нав бо такя ба таҷрибаи бисёр муфиде, ки дар ҷараёни амалисозии ташаббусҳои қаблии глобалии марбут ба об андӯхта шудааст, шурӯъ менамоем.

Дар ин ҷода тайи понздаҳ соли ахир мо саъю талошҳои муштаракамонро дар чаҳорчӯби татбиқи чунин ташаббусҳои глобалӣ, ба монанди "Соли байналмилалии оби тоза, 2003", Даҳсолаи байналмилалии «Об барои ҳаёт, солҳои 2005-2015» ва "Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об, 2013" ҳамаҷониба тақвият бахшидем.

Ҳамаи ин ибтикорот дар масъалаи дарки амиқи нақши нодири об дар ҳаёти сайёраи мо саҳми арзишманд гузоштанд.

Ҳамзамон бо ин онҳо ба ҷалби фаъоли ҳамаи ҷонибҳои манфиатдор ба идораи захираҳои об, татбиқи лоиҳаҳо ва истифодаи технологияву навовариҳои муосир дар ин соҳа мусоидат карданд.

Мехостам нақши ин ташаббусҳоро дар татбиқи Ҳадафҳои рушди ҳазорсола, махсус зикр намоям.

Саъю талошҳои муштарак дар ин ҷода барои таҳияи рӯзномаи нави рушди устувор, ки дар он захираҳои об ҷойгоҳи марказӣ дошта, ба ҳайси унсури калидии ин амалия муайян гардидаанд, заминаи боэътимод фароҳам оварданд.

Дар айни замон, далелҳои зайли ба шумо маълум гувоҳӣ медиҳанд, ки сафарбарсозии талошҳои умум ҳанӯз самараи дилхоҳ нададааст.

— дар дунё зиёда аз 800 миллион нафар ба оби нӯшокии бехатар ва зиёда аз дувуним миллиард нафар ба хизматрасонии оддитарини соҳаи беҳдошт (санитария) дастрасӣ надоранд;

— ҳар сол то сесад ҳазор нафар кӯдак дар синни то панҷсола ба иллати набудани дастрасӣ ба оби нӯшокии бехатар ва беҳдошт ба ҳалокат мерасад.

Ҳамаи ин гувоҳи он аст, ки мо то ҳол дар иҷрои воқеии вазифаҳо ва ҳадафҳо дар арсаи таъмин намудани дастрасӣ ба оби нӯшокии бехатар ва беҳдошт ҷиддан ақиб мондаем.

Ғайр аз ин, таъсири номатлуби раванди тағйирёбии иқлим вазъи корҳоро ҷиҳати расидан ба идораи устувори захираҳои об мураккаб мегардонад.

Маълум аст, ки тағйироти глобалии иқлим ба ҳаҷми захираҳои оби нӯшокии тоза ва сифати он таъсири манфӣ расонида, кишварҳо ва минтақаҳои мухталифи оламро ба вазъи ташвишовари экологӣ дучор месозад.

Имрӯз дар олам зиёда аз ду миллиард нафар аз норасоии об танқисӣ мекашанд.

Тибқи пешгӯйии коршиносон, соли 2050 ин нишондиҳанда метавонад то панҷ миллиард нафар, яъне тақрибан ба нисфи аҳолии сайёра, баробар гардад.

Зимнан, тамоюли афзоиши аҳолӣ ва ниёзмандӣ ба захираҳои об дар назди мо вазифаҳои нави маҷмӯиро мегузорад.

Дар ҷаҳон талабот ба захираҳои об бо суръати баланд афзоиш меёбад ва ин, дар навбати худ, боиси шиддат гирифтани муносибатҳо миёни соҳаҳои иқтисод мегардад.

Шиддати рақобат барои дастрасӣ ба захираҳои об дар шароити афзоиши камбуди об метавонад ҳатто дар дохили як кишвар пайомадҳои манфиро ба бор орад.

Маҳз ҳамин ду омил – тағйироти глобалии иқлим ва афзоиши демографӣ – чаҳорчӯба ва имконотро барои иқдомоти мо муайян хоҳанд кард.

Дар баробари ин омилҳо як силсила масъалаҳои дигаре вуҷуд доранд, ки муносибати маҷмӯӣ ва ҳамкории фаъолро дар соҳаи об тақозо доранд.

Дар маҷмӯъ баланд бардоштани самаранокии истифодаи об, кам кардани ифлосшавии захираҳои об, истифодаи такрории онҳо ва таҳияи технологияҳои нави тавлиди оби тоза дар миқёси саноатӣ аз ҷумлаи чунин масъалаҳо мебошанд.

Таҷрибаи андӯхташуда нишон медиҳад, ки дар арсаи истифодаи захираҳои об якбора ба натиҷаҳои назаррас ноил шудан мушкил аст.

Бо дарназардошти маҳз ҳамин таҷриба, Даҳсолаи оғозёфта, пеш аз ҳама, ба ташаккули майдони васеъ барои таҳкиму тавсеаи муколамаи мунтазами бисёрҷониба дар соҳаи об бо таваҷҷуҳ ба иқдомоти амалии мушаххас равона карда шудааст.

Дар ин зимн мо ният дорем ҳар ду сол Конфронси байналмилалии сатҳи баланд оид ба татбиқи ҳадафу вазифаҳои Даҳсолаи амалиётро доир намоем.

Дар ин самт мо ҳамкориамонро бо кишвару созмонҳои манфиатдор дар чаҳорчӯбаи Кумитаи байналмилалии роҳбарикунанда идома хоҳем дод.

Бо истифода аз фурсат, мехостам ба ҳамаи аъзои Кумитаи кунунии роҳбарикунандаи байналмилалӣ, ки дар омода намудани Конфронси имрӯза саҳми басо арзишманд гузоштаанд, изҳори сипос намоям.

Ҳамчунин, мо ният дорем корро дар ин ҷода тавассути дар шаҳри Душанбе таъсис додани Маркази байналмилалии мусоидат ба татбиқи Даҳсола тақвият бахшем.

Раванди таҳияву пешбурди қатъномаи нави Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид оид ба шарҳи миёнамуҳлати ҷараёни татбиқи Даҳсола майдони иловагиро барои ҳамкории мо фароҳам хоҳад овард.

Мо ба ҷонибдории фаъоли шариконамон дар пешбурди қатъномаи мазкур дар чаҳорчӯби иҷлосияи ҳафтоду сеюми Маҷмаи умум умед дорем.

Аз нигоҳи мо, саъйю талошҳо ҷиҳати эҷоди механизмҳои мусоидат ба татбиқи Даҳсола бояд бо сафарбарсозии захираҳои зарурии башарӣ, молиявӣ ва фаннӣ тақвият дода шаванд.

Дар робита ба ин мехостам масъалаи талаботи бузурги соҳаи обро ба маблағгузорӣ ҷиҳати амалӣ гардонидани лоиҳаву барномаҳои ин соҳа махсус таъкид созам.

Аз рӯйи ҳисобҳои Бонки Ҷаҳонӣ, талаботи ҳамасолаи молиявӣ барои иҷрои танҳо ду вазифаи Ҳадафи шашуми рушди устувор, яъне дастрасии умум ба оби нӯшокии бехатар ва беҳдошт, то ба як саду чордаҳ миллиард доллари амрикоӣ мерасад.

Зимнан, зарур аст, ки саъю кӯшиши мо ба боло бурдани самаранокии истифодаи захираҳои молиявии мавҷуда ва пайдо намудани манбаъҳои нави маблағгузории соҳаҳое, ки бо захираҳои об алоқаманданд, равона карда шаванд.

Ба ин манзур, тавсеаи шарикии давлат бо бахши хусусӣ барои ҷалб намудани сармояи иловагӣ ба соҳаи об ва инфрасохтори он имконоти нав фароҳам месозад.

Муҳтарам хонумҳо ва ҷанобон!

Ҷузъи фаромарзии ҳамкории арсаи об низ аз ҷумлаи масъалаҳои муҳим мебошад.

Ҳамкориву ҳамгироии самаранок, одилона ва барои ҷонибҳо судманд дар соҳаи об метавонад таконбахши рушди муштараки кишварҳое гардад, ки онҳоро ҳавзаҳои умумии об ба ҳам мепайвандад.

Минтақаи Осиёи Марказӣ мисоли возеҳи ҳамкории созанда дар соҳаи об мебошад, ки дар он нобаробарии ташаккулёбии захираҳои об ҷой дорад.

Чунин вазъ, дар баробари талаботи фарқкунандаи кишварҳои минтақа ба истифодаи захираҳои об аз лиҳози соҳавӣ ва мавсимӣ, чанде пеш чун омили баҳсу мунозираҳо ва ихтилофоти эҳтимолӣ арзёбӣ мегардид.

Вале тавре ки замон ва амалия нишон медиҳад, мо тавонистем дар ҳалли мушкилоти мавҷуда ба пешрафти назаррас ноил шавем.

Айни ҳол дар минтақа имконоту инфрасохтори нав барои ҳамкории самарабахш ва таъмини рушди кишварҳои шомили он эҷод гардидаанд.

Ҷиҳати ноил шудан ба ин натиҷаҳо нақши чунин сохторҳои минтақавӣ, ба монанди Бунёди байналмилалии наҷоти Арал ва ниҳодҳои он, бешубҳа, назаррас аст.

Ҳамзамон бо ин, имрӯз мо дар рӯ ба рӯи мушкилоту таҳдидҳои нави замони муосир қарор дорем, ки аз ҳарвақта бештар муттаҳид сохтани талошҳои муштарак ва иқдомоти ҳамоҳангшударо тақозо менамоянд.

Мисоли равшани ин таҳдидҳо мавсими камобии соли равон мебошад.

Бо сабаби боришоти ками мавсимӣ кишварҳои минтақа аллакай дучори камобӣ шуданд.

Ҳаҷми оби дарёҳо аз меъёрҳои миёнаи солона паст буда, дар мавсими обёрӣ ҳамагӣ дар ҳаҷми 60-70 фоиз пешгӯйӣ мешавад.

Чунин ҳолат ҳамкорӣ ва ҳамоҳангии зичи талошҳои моро барои ҳалли ин қабил мушкилот тақозо менамояд.

Боиси хушнудист, ки солҳои охир тағйироту таҳаввулоти минтақавӣ дар бахшҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, башарӣ ва дигар арсаҳо суръати мусбати пешравиро пайдо кардаанд.

Чунин воқеият, бешубҳа, барои такмили минбаъдаи ҳамкории байнидавлатӣ ва ҳалли якҷояи мушкилоти мавҷудаи минтақавӣ заминаҳои зарурииро фароҳам месозад.

Ҳозирини гиромӣ!

Мушоҳидаҳои бисёрсола гувоҳӣ медиҳанд, ки таъсири тағйирёбии иқлим ба табиат ва вазъи иҷтимоиву иқтисодӣ дар Тоҷикистон ва Осиёи Марказӣ тақвият меёбад.

Тибқи ин мушоҳидаҳо, тайи шаст соли ахир ҳарорати ҳаво дар Тоҷикистон ба ҳисоби миёнаи солона ба андозаи як градус аз рӯйи Селсия боло рафта, миқёсу миқдори ҳодисаҳои табиии вобаста ба обу ҳаво рӯ ба афзоиш ниҳодааст.

Зери таъсири ин омилҳо дар Тоҷикистон офатҳои табиӣ дар шакли обхезӣ, аз маҷрои дарёҳо баромадани об, сел, фаромадани тарма ва ярч ҳамасола ба аҳолӣ ва иқтисоди кишвар хисороти ҷиддӣ мерасонанд.

Гузашта аз ин, тайи чанд даҳсолаи охир мо тақрибан як ҳазор пиряхи хурду миёнаро талаф додем.

Бо мақсади мониторинги ин равандҳо ва андешидану татбиқ намудани тадбирҳои мутобиқшавӣ ба омилҳои тағйирёбии иқлим имсол мо дар назди Академияи илмҳои Тоҷикистон Маркази омӯзиши пиряххоро таъсис додем ва дар таҳкими иқтидорҳои он ба дастгирии шарикони рушд умед дорем.

Итминон дорам, ки дарояндаи наздик ин марказ дар раванди банақшагирӣ ва идораи захираҳои об на танҳо дар сатҳи миллӣ, балки дар зинаи минтақавӣ низ саҳми арзанда хоҳад гирифт.

Ҳоло дар Тоҷикистон тақрибан 98 фоизи неруи барқ дар неругоҳҳои барқи обӣ истеҳсол карда мешавад.

Ҳукумати мамлакат оид ба мутавозин сохтани истеҳсол ва истеъмоли неруи барқ аз тариқи навсозии неругоҳҳои барқи обии амалкунанда, бунёди иқтидорҳои нави тавлиди неруи барқ ва ҷорӣ намудани усулҳои муосири сарфаи он тадбирҳои ҳаматарафа меандешад.

Дар навбати худ, обанборҳои неругоҳҳо ба таъмини намудани танзими боэътимоди бисёрсолаву мавсимии ҷараёни об, пешгирии обхезиҳо ва кам кардани оқибатҳои хушксолӣ мусоидат мекунанд.

Истифодаи иқтидорҳои бузурги гидроэнергетикии Тоҷикистон барои таъмин намудани кишварҳои минтақа бо неруи барқи аз лиҳози экологӣ тоза – яке аз асосҳои рушди “иқтисоди сабз” –

метавонад ба кам кардани партовҳои газҳои гулхонӣ (карбон) ба атмосфера мусоидати ҷиддӣ намояд.

Дар робита ба ин мехостам аҳаммияти татбиқи лоиҳаи минтақавии КАСА-1000, ҳамчунин барқарор намудани фаъолияти ҳамзамони шабакаи энергетикии Тоҷикистонро бо низоми муттаҳидаи энергетикии Осиёи Марказӣ, ки имконияти интиқоли энергияи "сабз"–и моро ба ҳамсоягони дуру наздик фароҳам меоранд, зикр намоям.

Дар кишвари мо таъмин намудани аҳолӣ бо оби нӯшокии босифат ва беҳдошт чун афзалияти дигари муҳим боқӣ мемонад.

Мо аллакай ба таҳияи Барномаи нав оид ба таъмин намудани аҳолӣ бо оби нӯшокии тоза барои давраи то соли 2030 шурӯъ намудем.

Ин Барнома яке аз ҳадафҳои калидии рушди устувор – дастрасии умуми аҳолӣ ба оби нӯшокии бехатар ва беҳдоштро фаро мегирад.

Сиёсати давлатии Тоҷикистон дар соҳаи истифодаи об, дар айни замон ба ҳалли масъалаҳои мубрами иҷтимоиву иқтисодии минтақа низ нигаронида шудааст.

Дар ин зимн мо омодаем, ки захираҳои бузурги оби нӯшокиамонро ба манфиатҳои умум мавриди баҳрабардорӣ қарор диҳем.

Истифодаи оқилонаи танҳо захираҳои нодири кӯли баландкӯҳи Сарез, ки 17 километри кубиро дар бар мегирад, имкони таъмини дарозмуддату устувори аҳолии минтақаи моро бо оби босифати нӯшокӣ медиҳад.

Дар фарҷоми сухани худ изҳори умед менамоям, ки иштирокдорони Конфронс бо истифода аз имконоти имрӯза дар таҳияи тавсияҳои мушаххасу амалӣ ҷиҳати татбиқи босамари ҳадафҳои Даҳсолаи нав саҳми арзандаашонро хоҳанд гузошт.

Ба ҳамаи ҳозирин кори созандаву пурмаҳсул ва ба меҳмонони гиромии мо будубоши боҳаловатро дар сарзамини хуршедию меҳмоннавози Тоҷикистон орзу менамоям.

Барои таваҷҷуҳатон сипосгузорам!

**Иштироки Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар Конференсияи байналмилалии сатҳи баланд оид ба Даҳсолаи байналмилалии амал "Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028"**

**Июнь 20, 2018 11:27**

**ДУШАНБЕ, 20.06.2018 /АМИТ «Ховар»/.** Субҳи рӯзи 20 июн дар Кохи Сомони Бӯстонсарои шаҳрии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Конференсияи байналмилалии сатҳи баланд оид ба Даҳсолаи байналмилалии амал "Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028" ба кори худ оғоз кард.

Барои иштирок дар ин конференсия сарони давлатҳо ва ҳукуматҳои Покистон, Туркманистон, Афғонистон, беш аз 1500 коршинос аз зиёда аз 100 кишвари ҷаҳон ва даҳҳо созмонҳои байналмилалию минтақавӣ, ба Тоҷикистон ташриф овардаанд.

Ҷараёни кори конференсия мустақиман тавассути ҳамаи шабакаҳои давлатии телевизион ва радио пахш гардида, рафти кори онро шумораи зиёди хабарнигорони дохил ва хориҷ инъикос карданд.

Мавриди зикр аст, ки Даҳсолаи нави байналмилалӣ оид ба ҳалли мушкилоти оби ошомиданӣ ташаббус ва иқдоми чоруми созандаи ҷониби Тоҷикистон мебошад ва аз рӯйи он қатъномаи махсуси Созмони Милали Муттаҳид бо ҷонибдории амиқи кулли кишварҳои аъзои ин созмони бонуфуз қабул шудааст.

Соли 2018 дар айёми таҷлили Ҷашни Наврӯзи байналмилалӣ ва Рӯзи ҷаҳонии об — 22 март раванди татбиқи ташаббуси нави глобалии ҷумҳурии мо — Даҳсолаи байналмилалии амал "Об барои рушди устувор, 2018 — 2028" расман оғоз гардид.

Қабл аз оғози чорабинии сатҳи баланд Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамаи сарони давлатҳову ҳукуматҳо, роҳбарони ҳайатҳои кишварҳо ва коршиносони байналмилалиро дар даромадгоҳи Кохи Сомон гарму самимӣ истиқбол гирифтанд.

Дар ҳамин ҷо маросими хотиравии аксбардории Сарвари давлат бо роҳбарони ҳайатҳо ва созмонҳову кишварҳои иштирокчии конференсия баргузор шуд.

Конференсияи байналмилалии сатҳи баланд оид ба Даҳсолаи байналмилалии амал "Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028" бо суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва

тахти раёсати Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Қоҳир Расулзода оғоз ёфт.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нахуст ҳамаи иштирокчиёни Конференсия, аз ҷумла, сарони давлатҳо ва ҳукуматҳо, намояндагони ҳайатҳои кишварҳои олам ва роҳбарони воломақоми ташкилоту созмонҳои бонуфузи сайёраро ба Тоҷикистон самимона хайрамақдам гуфтанд.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иброз доштанд, ки аз рӯйи натиҷаҳои чорабинии имрӯза, ки дар ҳамкорӣ бо Созмони Милали Муттаҳид ва дигар шарикон доир мегардад, ҷиҳати татбиқи ҳадафу вазифаҳои дар сатҳи байналмилалӣ дар арсаи захираҳои об мувофиқашуда иқдомоти амалии муассир сурат хоҳанд гирифт.

Ҳамчунин изҳори итминон карда шуд, ки конфронси имрӯза барои таҳияи тавсияҳои мушаххас роҷеъ ба мавзӯъҳои ҷаласаи дарпешистодаи Форуми сиёсии сатҳи баланд оид ба рушди устувор, ки дар он Ҳадафи шашум оид ба захираҳои об муҳокима мегардад, имконоти мусоид фароҳам меорад.

Таъкид гардид, ки мо ба пешбурди Даҳсолаи нав бо такя ба таҷрибаи бисёр муфиди дар ҷараёни амалисозии ташаббусҳои қаблии глобалии марбут ба об андӯхташуда шурӯъ менамоем.

Мавриди зикр аст, ки дар ин самт тайи понздаҳ соли ахир Тоҷикистон саъю талошҳои муштаракро дар чаҳорчӯби татбиқи чунин ташаббусҳои глобалӣ, ба монанди "Соли байналмилалии оби тоза, 2003", Даҳсолаи байналмилалии "Об барои ҳаёт, солҳои 2005-2015" ва "Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об, 2013" ҳамаҷониба тақвият бахшид. Ҳамаи ин ибтикорот дар масъалаи дарки амиқи нақши нодири об дар ҳаёти сайёраи мо саҳми арзишманд гузоштанд.

Дар фарҷоми суханронии худ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон изҳори умед карданд, ки иштирокдорони Конференсия бо истифода аз имконоти имрӯза дар таҳияи тавсияҳои мушаххасу амалӣ ҷиҳати татбиқи босамари ҳадафҳои Даҳсолаи нав саҳми арзандаашонро хоҳанд гузошт.

Дар маросими ифтитоҳи кори Конференсия муовини Дабири кулли Созмони Милали Муттаҳид Луи Женмин, Президенти Туркманистон Гурбонгулӣ Бердимуҳаммадов, Президенти Ҷумҳурии

Исломии Покистон Мамнун Ҳусейн, Раиси иҷроияи Ҷумҳурии Исломии Афғонистон Абдулло Абдулло, Ноиби Президенти Бонки ҷаҳонӣ оид ба минтақаи Аврупо ва Осиёи Марказӣ Сирил Мюллер, Раиси Шӯрои иқтисодию иҷтимоии Созмони Милали Муттаҳид хонум Мария Чотардова, Раиси ниҳоди «Созмони Милали Муттаҳид — Об», Роҳбари Хазинаи байналмилалии рушди кишоварзӣ Ҷилберт Хунгбо ва Ёвари Дабири кулли Созмони Милали Муттаҳид, ҳамоҳангсози ниҳоди назоратии масъалаи озуқаворӣ Герда Верберг суханронӣ карда, ба ташаббусҳои ҷаҳонии Тоҷикистон ва пешсафии он дар баррасии масоили глобалии вобаста ба об баҳои баланд доданд.

Дар ҷараёни кори Конференсияи байналмилалии сатҳи баланд оид ба Даҳсолаи байналмилалии амал "Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028" муроҷиати видеоии Мирослав Лайчак — Раиси Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид намоиш дода шуд. Дар суханронии худ Раиси маҷмаи умумӣ оид ба оғози татбиқи даҳсолаи нави марбут ба оби тоза бо ташаббуси ҷониби Тоҷикистон ва ҳадафҳои созанда дар ин самт андешаронӣ намуда, ба иштирокчиёни конференсия барору комёбӣ орзу карданд.

Зимни суханрониҳои иштирокдорони воломақоми конференсия ташаббусҳои арзишманди Тоҷикистон, аз ҷумла, пешниҳоди навбатии Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон доир ба эълони Даҳсолаи нави байналмилалии амал "Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028" мавриди пуштибонии амиқ қарор гирифт.

## «Ташаббусҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нақши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар ҳалли мушкилоти глобалӣ дар сатҳи байналмилалӣ»- конференсияи илмию назариявӣ

**Август 9, 2018 16:56**

**ДУШАНБЕ, 09.08.2018. /АМИТ «Ховар»/.** *«Ташаббусҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нақши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар ҳалли мушкилоти глобалӣ дар сатҳи байналмилалӣ»- таҳти ин унвон Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар ноҳияи Фирдавсӣ конференсияи илмию назариявиро доир намуд.*

Тавре ба АМИТ «Ховар» аз Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар шаҳри Душанбе иттилоъ доданд, дар конференсия раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар шаҳри Душанбе Зоир Раҳмонзода оид ба ташаббусҳои сатҳи ҷаҳонии Тоҷикистон дар масоили оби ошомиданӣ ибрози назар кард. Зикр гардид, ки Даҳсолаи байналмилалии амалиёти «Об барои ҳаёт», солҳои 2005 — 2015, Соли байналмилалии «Оби тоза», соли 2003, Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об, соли 2013 ва ниҳоят Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018 – 2028» аз муҳимтарин иқдомоти ҷаҳонии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор мераванд.

«Маҳз аз ҳамин хотир ҷомеаи байналмилалӣ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ба ҳайси поягузори ҳама ташаббусу иқдомҳои байналмилалӣ дар соҳаи об эътироф кардааст. Ташаббусҳои Тоҷикистон дар соҳаи об ҳамеша мавриди дастгирии ҷомеаи байналмилалӣ қарор гирифтаанд, ки ин иқдомҳо дар болоравии обрӯву эътибори Тоҷикистон дар сатҳи ҷаҳонӣ нақши муҳим бозидааст»,-гуфт номбурда.

Сардори раёсати захираҳои оби Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон Тағоймурод Ғафурзода оид ба натиҷаҳои иқдомҳои Тоҷикистон, сардори раёсати иттилоот, машварат ва таълими Академияи илмҳои кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, коршиноси масоили экологӣ дар хусуси мушкилоти норасоии об дар баъзе минтақаҳои Тоҷикистон Ҳасан Асоев оид ба тартибу низом дар истифодаи ин сарвати табиӣ ва мақсаднок истифода бурдани об изҳори андеша намуданд.

Мудири шуъбаи оид ба корҳои дин, танзими анъана ва ҷашну маросимҳои миллии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе Абдуалим Норасов дар мавзӯи «Нақши об дар беҳдошти муносибатҳои иҷтимоӣ ва рушди соҳаи сайёҳӣ» маърӯза намуд.

Мавсуф аз ҷумла зикр кард, ки Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳалли масоили обро асоси татбиқи босамари ҳадафҳои рушди ҳазорсола, аз ҷумла энергетика, паст кардани сатҳи камбизоатӣ, дастрасии умумӣ ба озуқаворӣ, таъмини амнияти санитарӣ ва дигар ҳадафҳои эълоншудаи глобалӣ номида, ҷомеаи ҷаҳониро ба таҳия ва қабули стратегияҳои мушаххаси маҳаллӣ, минтақавӣ ва байналмилалӣ оид ба идоракунии захираҳои об даъват намуд.

Ба ибораи дигар, Пешвои миллат пеш аз воқеъ гардидани бухрони об дар ҷаҳон, масъалаи оқилона ва самаранок истифодабарии обро маҳз ба хотири раҳоии инсоният ва табиат ҳамчун ливо ва пайғоми сулҳ ба ҷаҳониён муаррифӣ намуд.

**Суханронии Намояндаи доимии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мубоҳисаҳои умумии Иҷлосияи 73-юми Маҷмаи умумии СММ**

**Октябрь 2, 2018 09:20**

**ДУШАНБЕ, 02.10.2018 /АМИТ «Ховар»/.** Намояндаи доимии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар СММ Маҳмадамин Маҳмадаминов ҳамчун роҳбари ҳайати кишвар 1 октябр дар мубоҳисаҳои умумии Иҷлосияи 73-юми Маҷмаи Умумии СММ суханронӣ намуд.

Дар ин бора ба АМИТ «Ховар» аз Намояндагии доимии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар СММ хабар доданд.

Зимни суханронӣ Намояндаи доимӣ аз чолишҳои замони муосир, аз ҷумла тағйирёбии иқлим, терроризм ва экстремизм, мунокишаҳо, нобаробарӣ, камбизоатӣ, камбуди имкониятҳои иқтисодӣ ва афзоиши бекорӣ ёдрас гардида, онҳоро монеаи ноилшавӣ ба Рӯзномаи 2030 оид ба рушди устувор номид.

Зимни ироаи мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар робита ба барномаи ҷаҳонии рушд, Намояндаи доимӣ ба зарурати расонидани кумак ба кишварҳои дар вазъияти махсус қарордошта, аз ҷумла кишварҳои қитъаи Африка, давлатҳои камтараққӣ, рӯ ба тараққии маҳсур дар хушкӣ ва ҷазиракишварҳои хурд таъкид намуд.

Намояндаи доимӣ ҷиҳати густариши кумаки мақсаднок ба Афғонистон, ки ба барқарорсозии иқтисодӣ ва таҳкими соҳаҳои иҷтимоии он кишвар равона шудааст, даъват ба амал овард.

М. Маҳмадаминов ҳамчунин Маҷмаи Умумии СММ-ро бо натиҷаҳои Конфронси байналмилалии сатҳи баланди «Мубориза бо терроризм ва ифротгароии хушунатомез» (3-4 майи соли 2018, ш. Душанбе) ва Конфронси байналмилалииДаҳсолаи амал «Об барои рушди устувор, 2018-2028» (20-22 июни 2018, ш. Душанбе) шинос намуд.

Дар фарҷоми суханронӣ М. Маҳмадаминов аз намояндагони кишварҳои аъзои СММ ҷиҳати дастгирии лоиҳаи қатъномаи аз

ҷониби ҳайати Тоҷикистон пешбаришаванда таҳти унвони «Бозбинии фарогири миёнамуҳлат оид ба татбиқи Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, 2018-2028» даъват ба амал овард.

## Муаррифии лоиҳаи қатъномаи Бознигарии миёнамуҳлати раванди татбиқи Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, 2018-2028» дар СММ

**Ноябрь 9, 2018 16:25**

**ДУШАНБЕ, 09.11.2018 /АМИТ «Ховар»/.** Имрӯз зимни ҷаласаи Кумитаи дуюми Маҷмаи Умумии СММ лоиҳаи қатъномаи ҳайати Тоҷикистон таҳти унвони «Бознигарии фарогири миёнамуҳлати раванди татбиқи Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, 2018-2028» муаррифӣ карда шуд. Дар ин бора аз Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба АМИТ «Ховар» хабар доданд.

Қатъномаи мазкур дар доираи ташаббуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таҳия шуда, он аз ҷониби Намояндаи доимии кишвар дар СММ Маҳмадамин Маҳмадаминов аз номи 148 кишвари ҳаммуаллифи қатънома муаррифӣ гардид.

Яке аз ҳадафҳои муҳими қатъномаи мазкур баргузории Конфронси СММ оид ба бознигарии миёнамуҳлати раванди татбиқи Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, 2018-2028» (22-24 марти 2023, ш. Ню-Йорк) маҳсуб меёбад. Дар фарҷоми суханронии хеш М. Маҳмадаминов аз кишварҳои аъзои СММ ҷиҳати пуштибонӣ аз лоиҳаи қатъномаи мазкур даъват ба амал овард.

## Маҷмаи Умумии СММ лоиҳаи қатъномаи аз ҷониби Тоҷикистон пешниҳод шударо якдилона қабул намуд

**Декабрь 22, 2018 10:30**

**ДУШАНБЕ, 22.12.2018 /АМИТ «Ховар»/.** 20 декабри соли 2018 Маҷмаи Умумии СММ зимни иҷлосияи 73-юми худ лоиҳаи қатънома таҳти унвони «Шарҳи миёнамуҳлати бисёрҷанбаи татбиқи Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028» -

ро, ки аз ҷониби Тоҷикистон бо ҳаммуаллифии 190 кишвари аъзои СММ пешниҳод шуда буд, якдилона қабул намуд. Дар ин бора ба АМИТ «Ховар» аз Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон хабар доданд.

Бояд тазаккур дод, ки қатъномаи мазкур дар доираи ташаббусҳо ва пешниҳодҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба эълон гардиданди Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028», ки 21 декабри 2016 қабул гардид, таҳия шудааст.

Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор» бори аввал аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҷараёни Форуми 7-уми ҷаҳонии об дар Ҷумҳурии Корея пешниҳод гардид. Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028» 22 марти соли 2018 шурӯъ гардида, то 22 марти соли 2028 идома меёбад.

Бо қабули лоиҳаи қатънома таҳти унвони «Шарҳи миёнамуҳлати бисёрҷанбаи татбиқи Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028» масъалаҳои мубрами вобаста ба обро фарогир мебошад. Аз он ҷумла, дар қатъномаи мазкур аҳамияти махсуси захираҳои об барои рушди устувор ва бартараф намудани сатҳи камбизоатӣ ва гуруснагӣ, таъкид гардидааст. Инчунин дар қатънома бо изҳори нигаронӣ зикр шудааст, ки яке аз омилҳои асосии норасоии оби нӯшокӣ дар тамоми ҷаҳон тағйирёбии иқлим буда, заруран таҳияи стратегияи мувофиқакунӣ (адаптатсия) ба раванди тағйирёбии иқлим барои ҳалли масъалаҳои вобаста ба захираҳои об пеш омадааст.

Дар қисми амалии қатънома зикр шудааст, ки аз 22 то 24 марти соли 2023 дар шаҳри Ню-Йорк Конфронси СММ оид ба шарҳи миёнамуҳлати бисёрҷанбаи татбиқи Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор», солҳои 2018-2028» баргузор мешавад.
Ба нақша гирифта шудааст, ки зимни конфронси мазкур дар баробари мушкилоти вобаста ба захираҳои об, аҳамияти махсус ба масъалаҳои рушди устувор ва идоракунии ҳамаҷонибаи захираҳои об ҷиҳати ноил гаштан ба ҳадафҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва ҳифзи муҳити зист, татбиқ ва пешбурди барномаҳо ва лоиҳаҳои марбута, таҳкими ҳамкорӣ ва шарикӣ дар ҳамаи сатҳҳо барои мусоидат ба татбиқи ҳадафҳо дар соҳаи захираҳои обӣ дода мешавад.

Ҳамчунин аз Раиси Маҷмаи Умумии СММ даъват ба амал оварда шудааст, ки бо мақсади амали гардонии ҳадафҳо ва вазифаҳо дар соҳаи захираҳои об ва ҷиҳати дастгирӣ намудани Даҳсола моҳи марти соли 2021 ҷаласаи сатҳи баландро баргузор намояд.

Илова бар ин, дар қатъномаи мазкур омадааст, ки барои дастгирии шарҳи татбиқи Даҳсола, машваратҳои минтақавию ҷаҳонӣ баргузор шуда, ба Дабири кулли СММ ваколати ҳамоҳангии ин раванд бо ҷалби ниҳодҳои тахассусии СММ вогузор карда шавад.

Қатъномаи мазкур аз давлатҳо, созмонҳои байниҳукуматию ғайридавлатӣ, ниҳодҳои молиявӣ, бахши хусусӣ, дигар тарафҳои ҳавасманд ва маблағгузорон даъват ба амал овардаст, ки ҷиҳати омодагӣ ба Конфронси СММ оид ба шарҳи миёнамуҳлати бисёрҷанбаи татбиқи Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028» мусоидат намоянд.

Зикр кардан бамаврид аст, ки Конфронси СММ оид ба шарҳи миёнамуҳлати бисёрҷанбаи татбиқи Даҳсолаи байналмилалии амал метавонад заминаи муҳим ва саривақтро ҷиҳати баррасӣ ва мубодилаи афкор дар соҳаҳои гуногуни масъалаҳои марбут ба захираҳои об фароҳам оварда, давомдиҳандаи шоистаи нахуст конфронси СММ оид ба масъалаҳои об, ки дар соли 1977 дар шаҳри Мар Де Плате (Аргентина) танзим шуда буд, гардад.

Конфронсҳои сатҳи баланд, ки ҳар ду сол аз ҷониби Тоҷикистон дар чаҳорчӯби Даҳсолаи байналмилалии амал баргузор мегарданд, ҷиҳати пешбурди рӯзномаи ҷаҳонии обӣ ва расидан ба рушди пойдори ҳамаҷониба саҳми муҳим хоҳанд гузошт.

**Барқияи шодбошии Дабири Кулли Созмони Милали Муттаҳид Антонио Гутерриш ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон**

Декабрь 25, 2018 17:09

**ДУШАНБЕ, 25.12.2018 /АМИТ «Ховар»/.** Дабири Кулли Созмони Милали Муттаҳид Антонио Гутерриш ба Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барқияи шодбошӣ ирсол намуд, ки дар он омадааст:

«Ҷаноби Олӣ,

Бо камоли мамнуният табрикоти хешро ба Шумо дар робита ба якдилона қабул гардидани қатъномаи Маҷмаи Умумии СММ таҳти унвони "Арзёбии фарогири миёнамуҳлати Даҳсолаи байналмилалии амал "Об барои рушди устувор, 2018-2028", ки бо ибтикори ҳайати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳаммуаллифии 190 кишвари аъзои СММ пешбарӣ гардид, изҳор менамоям.

Руйдоди мазкур қадаме бузург ва таҷассумгари эътимоди кишварҳои аъзои СММ нисбат ба Тоҷикистон, ҳамчун кишвари пешсаф дар пешбурди масоили об ва ҳомии раванди ҷаҳонии амалисозии ҳадафу вазифаҳои марбут ба оби Рӯзномаи 2030 барои Рушди устувор маҳсуб меёбад.

Мутмаинам, ки кишварҳои аъзои СММ аз ваколатҳои нави қатъномаи мазкур ҷиҳати пешбурди фаъолияти муштаракамон дар самти об, аз ҷумла тариқи арзёбии миёнамуҳлати татбиқи ҳадафҳои Даҳсола, ки дар соли 2023 ба нақша гирифта шудааст, самаранок истифода хоҳанд намуд.

Бори дигар, барои садоқататон дар пешбарии ин самти муҳим изҳори сипос менамоям.

*Лутфан ғояти эҳтироми маро, Ҷаноби Олӣ, қабул фармоед».*

## «Тоҷикистон сарчашмаи обҳои мусаффо»-таҳти чунин унвон дар Душанбе конференсияи илмию назариявӣ доир гардид

Март 29, 2019 16:30

**ДУШАНБЕ, 29.03.2019 /АМИТ «Ховар»/.** *«Тоҷикистон сарчашмаи обҳои мусаффо»-таҳти чунин унвон имрӯз дар шаҳри Душанбе конференсияи илмию назариявӣ доир гардид. Зикр шуд, ки ташаббуси чоруми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи глобалӣ ва ба хотири ҳалли яке аз мушкилоти асосии зиндагии аҳли башар – дастрасӣ ба оби тозаи ошомиданӣ дар муддати даҳ соли оянда дар миқёси сайёра амалӣ мегардад. Дар робита ба ин таъкид гардид, ки ҳарчанд мо дар саргаҳи обҳои мусаффо қарор дорем, бояд ҳамеша сариштакор бошем ва аз захираҳои об оқилонаву сарфакорона истифода намоем.*

Ташкилкунандагони асосии ҳамоиши илмӣ Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Исмоили Сомонӣ ба шумор рафта, дар он намояндагони ҲХДТ, коршиносони масоили об, донишҷӯёну устодони

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ширкат варзиданд.

Қабл аз оғози ҳамоиши илмӣ аз ҷониби намояндагони Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Исмоили Сомонӣ маводи таблиғотӣ дар бораи ҷойгиршавии обҳои мусаффои Тоҷикистон тақдим гардид.

Сипас дар толори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон конференсия ба кори худ оғоз кард. Иштирокдорон, аз ҷумла директори Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи АИ ҶТ Зайналобуддин Кобулиев, муовини сардори Раёсати захираҳои оби Вазорати энергетика ва захираҳои оби ҶТ Гул Шарипов, ректори ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ Нуъмонҷон Ғаффорӣ дар мавзӯи истифодаи оқилонаи захираҳои обию энергетикии дарёҳои сарҳадгузари Тоҷикистон, сиёсати обии Тоҷикистон ва сиёсати давлатии Тоҷикистон дар соҳаи об изҳори андеша намуданд.

Зикр гардид, ки мояи хушнудист, ки бо қабули Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор», солҳои 2018 — 2028 Тоҷикистон бори дигар ҳамчун кишвари пешоҳанг дар ҳалли масоили глобалии ҷаҳон дар меҳвари таваҷҷуҳ қарор гирифт. Тоҷикистон дар олам бо номи «Кишвари обҳои мусаффо» маълум буда, дар ҳудуди он 948 дарёи хурду бузург, 7 ҳазор пирях, 155 кӯли гуногунҳаҷм, даҳҳо ҳазор чашмаҳои одию маъданӣ ва обанборҳои зиёд мавҷуданд. Зиёда аз 50 дарёи бузурги манотиқи мухталифи ҷумҳурӣ, ки аз оби пиряху барф ва борону обҳои зеризаминӣ сарчашма мегиранд, дар пешбурди соҳаҳои хоҷагии халқ нақши муассир доранд.

«Мо бояд бо ҳисси ифтихор ва эҳсоси масъулият ба фарҳанги истифодаи оби тозаи ошомиданӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир бинамоем ва ба қадри ин неъмати худодод бирасем. Сарвари давлат барҳақ иброз доштаанд, ки арзиши об аз нафту газу ангишт ва дигар анвои сӯзишворию захираҳои энергетикӣ ҷиҳати устувории мамлакат ва минтақа кам нест»,-иброз дошт Зайналобуддин Кобулиев.

Ба андешаи иштирокдорон, ҳар яки мо бояд табиату об ва ҷойи зисти худро тоза нигоҳ дошта, дар ҳифзи табиат ва тозагии об саҳм гузорем.

## ИМРӮЗ – РӮЗИ УМУМИҶАҲОНИИ МОНИТОРИНГИ СИФАТИ ОБ.

**Сиёсати давлати Тоҷикистон дар соҳаи об ба ҳалли масъалаҳои мубрами иҷтимоиву иқтисодии минтақа нигаронида шудааст**

**Сентябрь 18, 2019 14:01**

**ДУШАНБЕ, 18.09.2019 /АМИТ «Ховар»/.** *18 сентябр дар ҷаҳон Рӯзи байналмилалии мониторинги сифати об таҷлил карда мешавад. Таърихи пайдоиши ин рӯз ба соли 2003 рост меояд. Маҳз дар он сол Фонди оби тозаи Америка бо мақсади ҳифзи обанборҳо аз ифлосшавӣ ин санаи экологиро эълон намудааст.*

Назари кӯтоҳе ба таърихи ин сана нишон медиҳад, ки он аввалҳо 18 октябр ҷашн гирифта мешуд ва аз соли 2007 инҷониб ба 18 сентябр гузаронида шуд. Мақсади асосии аз моҳи октябр ба сентябр гузаронидани ҷашн он буд, ки ба мамлакатҳое, ки дар онҳо моҳи октябр аллакай об ях мекунад, эҳтиром гузошта шавад.

Асоси чорабиниҳои ин ид санҷиши фардии таҳқиқоти хурди мониторинги сифати об дар муҳити хона мебошад. Ба андешаи мутахассисони соҳа, тестҳои махсус метавонанд дараҷаи тозагӣ ва бехатарии обро барои саломатӣ, ҳаёти инсон ва дигар олами набототу ҳайвонот нишон диҳанд. Аввалин коре, ки ҳангоми санҷиши мониторинги сифати об бояд амалӣ карда шавад, ин аҳамият додан ба ранг, бӯй, таъм ва ҷилонокии он мебошад.

Ба соли 2003 рост омадани таърихи пайдоиши ин санаро метавон рамзӣ унвон кард: маҳз бо пешниҳоди созандаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Иҷлосияи 54-уми Маҷмаи Умумии СММ (1 октябри 1999) дар саросари ҷаҳон соли 2003 — Соли оби тоза эълон карда шуд.

Дар асоси ин ташаббус аз 29 август то 1 сентябри соли 2003 дар шаҳри Душанбе Форуми байналмилалӣ оид ба оби тоза баргузор гардид.

Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти роҳбарии Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба масъалаҳои глобюалии вобаста ба об диққати махсус зоҳир менамояд. Дар ин самт давлати мо аз минбарҳои бонуфузи созмонҳои байналмилалӣ пешниҳодоти мушаххас ироа намуда, ҳоло аз ҷониби ҷаҳониён ҳамчун ташаббускори ин соҳаи ҳаётан муҳим шинохта шудааст.

Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид ташаббуси дигари Пешвои миллати тоҷикон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ҷонибдорӣ намуда, солҳои 2005-2015-ро ҳамчун Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои ҳаёт» эълон намуд.

Азбаски дар тамоми кураи арз беш аз 240 дарёи сарҳадгузар мавҷуданду аз онҳо зиёда аз 170 кишвари мухталифи дунё истифода

менамоянд, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо дарки муҳимияти масъалаи мазкур 21 июни соли 2012 дар шаҳри Рио-де-Жанейрои Бразилия дар чорабинии якҷояи ЮНЕСКО ва механизми «СММ — об» оид ба масоили самаранок истифода бурдани об суханронӣ намуданд. Маҳз ҳамин ташббус ва пешниҳодоти Сарвари давлати тоҷиконро ба инобат гирифта, Маҷмаи Умумии СММ 20 декабри 2010 соли 2013-ро Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об эълон кард, ки он аз ҷониби 190 кишвари олам дастгирӣ ва пуштибонӣ ёфт. Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон тамоми кӯшишу ғайрати хешро баҳри ҳалли на танҳо мушкилоти мамлакат, балки масоили минтақавию ҷаҳонӣ сафарбар намуда, ҳамеша тадбирҳои судманд меандешанд.

Иқдоми чаҳоруми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки 21 декабри соли 2016 зимни ҷаласаи пленарии Маҷмааи Умумии СММ бо ҳаммуаллифи 177 кишвари аъзои ин созмон таҳти унвони Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, 2018-2028» қабул гардид, далели бебаҳси ин гуфтаҳост. Тибқи таҳлилҳои Корхонаи воҳиди давлатии «Хоҷагии манзилию коммуналӣ»-и Ҷумҳурии Тоҷикистон, сатҳу сифати таъмини аҳолии мамлакат бо оби тозаи ошомиданӣ сол то сол боло меравад. Соли 2012 агар 42,6 фоизи аҳолӣ ба оби тозаи ошомиданӣ дастрасӣ доштанд, ин рақам соли 2013 ба 48,6% ва соли 2016 ба 57,6 фоиз расонида шудааст.

Ин дар ҳолест, ки яке аз масъалаҳои мубрами рӯз, ки ҷомеаи ҷаҳонро ба ташвиш овардааст — ин дастрасӣ надоштан ба оби тозаи ошомиданӣ мебошад.

14 марти соли 2018 дар сомонаи расмии Созмони Милали Муттаҳид таҳти унвони «Ду миллиард одамон ба оби тозаи ошомиданӣ дастрасӣ надоранд» мавод нашр шуд, ки дар он, аз ҷумла гуфта мешуд: «Соли 2030 700 миллион одамон аз норасоии оби ошомиданӣ гуреза мешаванд. Ин омил, пеш аз ҳама, ба он даъват мекунад, ки ин захираи табиӣ сарфакорона истифода бурда шавад».
Тибқи иттилои сарчашмаҳо, дар марҳилаи имрӯза қариб тамоми минтақаҳои дунё, ҳатто давлатҳои пешрафтаи Аврупо аз норасоии оби ошомиданӣ танқисӣ мекашанд. Вале вазъият дар қораи Африқо, бахусус дар қисмати ҷануби Сахара нигаронкунанда мебошад. Мутахассисони соҳа ба он назаранд, ки тағйирёбии иқлим, хушксолӣ, афзоиши босуръати аҳолӣ ва коҳиши захираҳои обӣ Сахараро яке аз

минтақаҳои осебпазиртарини дунё намудааст. Дар ин минтақа тақрибан 340 млн. нафар ба оби ошомидании босифат дастрасӣ надоранд.

Ғайр аз ин, ба иттилои расмии СММ, имрӯз зиёда аз 663 миллион нафар одамон дар назди ҷойи истиқомати худ ба оби тозаи ошомиданӣ дастрасӣ надоранд. Барои он ки ба об дастрасӣ пайдо кунанд, онҳо маҷбуранд вақти зиёд сарф намуда, ба навбат истанд ва ё масофаи дуру дарозро пиёда тай намоянд.

Мусаллам аст, ки зиёда аз 60%-и захираҳои обии Осиёи Марказӣ дар Тоҷикистон мавҷуд мебошанд. Аз ин хотир, ҷониби Тоҷикистон ҳамеша ба давлатҳои минтақа дар ин ҷода изҳори ҳамкорӣ менамояд. «Сиёсати давлати Тоҷикистон дар соҳаи об, дар айни замон, ба ҳалли масъалаҳои мубрами иҷтимоиву иқтисодии минтақаи Осиёи Марказӣ низ нигаронида шудааст.

Мо омодаем, ки захираҳои бузурги оби нӯшокиамонро ба манфиати минтақа мавриди баҳрабардорӣ қарор диҳем.

Такроран таъкид месозам, ки истифодаи оқилонаи танҳо захираҳои нодири кӯли баландкӯҳи Сарез, ки 17 миллиард метри мукаабро дар бар мегирад, имкони таъмини дарозмуддату устувори аҳолии минтақаи моро бо оби босифати нӯшокӣ медиҳад», — иброз доштанд Пешвои миллат зимни ирсоли Паёми навбатии худ ба Маҷлиси Олии мамлакат дар соли 2018.

Бояд гуфт, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон «Барномаи давлатии беҳтар намудани таъмини аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо оби нӯшокӣ барои солҳои 2008-2020» мавриди амал қарор дорад, ки мақсади асосии он таъмин намудани аҳолии мамлакат бо оби нӯшокӣ мебошад. Ҷиҳати татбиқи барномаи мазкур лоиҳаҳои зиёде бо маблағгузории Ҳукумати мамлакат ва шарикони рушд амалӣ карда мешаванд. Бо назардошти он, ки муҳлати анҷоми барномаи мазкур пеш омада истодааст, аллакай корҳо ҷиҳати таҳлили пурраи раванди иҷрои он оғоз гардида, масъулини Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таҳияи чунин барномаи нав то соли 2030 иқдом гирифтаанд.

Охири моҳи июни соли равон муовини Вазири энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон Шарифа Худобахш зимни як ҳамоиши илмӣ дар шаҳри Душанбе изҳор дошт, ки бо мақсади бо оби тозаи ошомидании мутобиқ ба сифати меъёрҳои давлатӣ ҷавобгӯ таъмин намудани аҳолии мамлакат ва беҳтаргардонии солимии

мардум «Барномаи беҳтар намудани таъминоти аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо оби тозаи нӯшокӣ барои солҳои 2008-2020» қабул гардид ва амалӣ намудани он яке аз ҳадафҳои асосии давлат ба ҳисоб меравад.

Ба гуфтаи мавсуф, имрӯз дар соҳаи оби ҷумҳурӣ зиёда аз 28 лоиҳа бо маблағи умумии 352 миллион доллари амрикоӣ татбиқ гардида истодаанд.

«Бо мақсади ҷорӣ намудани механизми пешқадами институтсионалӣ, ҳуқуқӣ оид ба идоракунии захираҳои об ба таҷдидсозии инфрасохтори хоҷагии оби мамлакат соли 2015 Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Барномаи ислоҳоти соҳаи оби Тоҷикистон барои солҳои 2016-2025»-ро қабул намуд. Барои татбиқи ин чорабинӣ 1,8 миллиард сомонӣ пешбинӣ шудааст. Қисми зиёди ин маблағҳо барои татбиқи чорабинии вобаста ба барқарорсозии инфрасохтори об пешбинӣ шудааст»,- гуфта буд Ш.Худобахш. Мавриди зикри хос аст, ки моҳи июли соли 2019 Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов» — ро ҷонибдорӣ намуд.

Қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ, иқтисодӣ, иҷтимоии таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов, кафолатҳои давлатии таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов, инчунин сифат ва бехатарии онҳоро муқаррар мекунад.

Тибқи меъёрҳои қонуни зикршуда, обе, ки аз ҷиҳати сифат ва бехатарӣ дар ҳолати табиӣ ё баъди коркард (тозагардонӣ, безараргардонӣ, илова намудани моддаҳои кимиёвӣ) ба талаботи меъёрии муқарраршуда ҷавобгӯ буда, барои нӯшидан, тайёр намудани хӯрок, эҳтиёҷоти дигари хоҷагидорию маишии аҳолӣ ва истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ истифода мешавад, оби нӯшокӣ эътироф карда шудааст.

Тавре дар боло зикр шуд, таҷлили Рӯзи байналмилалии мониторинги сифати об дар ҳолест, ки дар ҷаҳон таъмини оби тозаи ошомиданӣ ба мушкилӣ табдил ёфтааст.

Мамлакати биҳиштосои мо дар баробари дорои пиряххои азим, кӯлҳои нодир ва обанборҳои зиёд буданаш макони дарёҳои зиёди обҳои мусаффо ва ошомиданӣ мебошад, ки ба гуфтаи мутахассисон, оби ҳамаи дарёҳои Тоҷикистон аз рӯи тамоми стандартҳои ҷаҳонӣ ошомиданӣ эътироф гардидааст.

Қобили зикр аст, ки дарёҳо дар рӯи замин сарчашмаи асосии ташаккули ҳаёти инсоният буда, барои сабзиши табиат ва инкишофи гуногунии биологӣ нақши муҳим доранд. Аз рӯи сарчашмаи пайдоиш ва ё ғизогирӣ онҳо ба дарёҳои аз ҳисоби боришоти атмосферӣ ғизогиранда, дарёҳои аз ҳисоби барфу захираҳои барфӣ ғизогиранда, дарёҳои аз ҳисоби пиряххо ғизогиранда, дарёҳои аз ҳисоби обҳои зеризаминӣ ғизогиранда ва дарёҳои аз ҳисоби барфу пирях ғизогиранда ҷудо мешаванд.

Ба гуфтаи директори Муассисаи давлатии Маркази илмӣ-тадқиқотии ҳифзи захираҳои оби назди Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Назриаллоҳ Сарабеков, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон имрӯз аз рӯи маълумот 25 ҳазору 200 дарё ба ҳисоб гирифта шудааст. Аз ин шумора дарёҳое, ки зиёда аз 10 км дарозӣ доранд, 947 адад мебошанд. Вобаста ба он, ки баъзе сойҳои аз ҳисоби чашмаҳо ғизогиранда ва мавсимиро, ки маҷрои доимӣ надоранд, ҳисоб намекунанд, ба шумораи умумии дарёҳо аз 25 ҳазору 200 то 28 ҳазору 500 тағйирот ворид шудааст.

«Дарозии умумии дарёҳои калони Тоҷикистон ба 28 ҳазору 500 км баробар мебошад. Яке аз хусусиятҳои хоси дарёҳои Тоҷикистон ин аст, ки оби ҳамаи онҳо аз рӯи тамоми стандартҳои ҷаҳонӣ ҳамчун оби ошомиданӣ эътироф гардидааст»,- гуфт Назриаллоҳ Сарабеков ва илова намуд, ки яке аз инҳо дарёи Сиёма мебошад».

Зимнан, оби Сиёма аз қаторкӯҳҳои Ҳисор сарчашма гирифта, оби зулолу мусаффост ва таъми лазиз дорад. Об дар тамоми фасли сол тоза буда, дигаргун намешавад. Дохил шудани ягон моеъ ба таркиби он ғайриимкон аст. Оби Сиёма оби пирях ва барф аст, бинобарин ҳамеша сард мебошад. Оби дарёи Сиёма то дараҷае софу зулол аст, ки ҳатто пурра қисми дохилии дарёро дидан мумкин аст.

Дарёи Сиёма дар масофаи 50 км дуртар аз Душанбе, дар дараи хушманзараи Варзоб воқеъ буда, тибқи ташхисҳои бисёркарата оби он яке аз беҳтарин обҳои ҷаҳон ҳисобида мешавад.

Мувофиқи тадқиқоти олимони соҳа, оби Сиёма ба организми зинда таъсири мусбат расонида, барои тавоноии тан, бахусус кори мушакҳо, рӯда, ҳазмкунии таом ва тозакунии организм басо муфид мебошад. Оби Сиёма аз обҳои дигари рӯи замин тафовут дошта, дар Озмуни байналмилалии обҳои ошомиданӣ, ки соли 2001 дар Амрико доир гардида буд, ба даҳгонаи обҳои беҳтарини ҷаҳон шомил карда шуд.

**Дар Ню-Йорк бо ибтикори Тоҷикистон ҳамоиши сатҳи баланд таҳти унвони «Амалҳои муваффақ дар соҳаи об барои ноилшавӣ ба ҳадафҳои марбут ба тағирёбии иқлим» баргузор гардид**

**Сентябрь 26, 2019 08:38**

ДУШАНБЕ, 26.09.2019
/АМИТ «Ховар»/. 25 сентябр дар ҳошияи иҷлосияи 74- уми Маҷмаи Умумии СММ дар шаҳри Ню—Йорк бо ибтикори Тоҷикистон ҳамоиши канорории сатҳи баланд таҳти унвони «Амалҳои муваффақ дар соҳаи об барои ноилшавӣ ба ҳадафҳои марбут ба тағирёбии иқли м» баргузор гардид.

Тавре АМИТ «Ховар» бо истинод ба Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон хабар медиҳад, ҳамоиши мазкурро Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо Фиҷи, Канада, Марокаш, Португалия, Россия, Сингапур, Швейтсария, Департаменти иқтисодӣ ва иҷтимоии СММ ва СММ- ниҳоди Об баргузор намуд, ки дар он намояндагон ва мутахассисони кишварҳои аъзои СММ ва созмонҳои байналмилалӣ иштирок намуданд.
Қисми якуми ҳамоиш таҳти раисии Вазири корҳои хориҷии мамлакат Сироҷиддин Муҳриддин доир гардид, ки дар он Сарвазири Тоҷикистон Қоҳир Расулзода, Сарвазири Фиҷи Ҷосиа Ворек Ваинимарама, Вазири корҳои хориҷии Португалия Огусто Сантос Силва, Директори генералии Агентстваи Швейтсария оид ба рушд ва ҳамкорӣ сафир Мануэл Сагер, Муовини Дабири Кулли СММ оид ба масъалаҳои иқтисодию иҷтимоӣ Лю Женмин ва дигар шахсони валомақом суханронӣ намуданд.

Сарвазири мамлакат Қоҳир Расулзода зимни суханронии хеш ҳозиринро аз саъю талошҳои Тоҷикистон дар соҳаи обу иқлим, раванди татбиқи Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028» ва омодагӣ ба Конфронси дуввуми байналмилалии сатҳи баланд ҷиҳати иҷрои Даҳсолаи амал, ки соли 2020 дар ш. Душанбе барпо мегардад, шинос намуда, аз намояндагони кишварҳои аъзои СММ ҷиҳати иштироки фаъол дар кори конфронс даъват ба амал овард.

Дар идомаи ҳамоиши мазкур инчунин Фиристодаи вежаи Нидерланд оид ба масъалаҳои об Хенк Овинк, Директори Институти байналмилали оби Стокголм (SIWI) Торни Холмгрен, намояндаи воломақоми ЮНЕСКО, вазирони корҳои хориҷии Қирғизистон ва Венгрия, вазири муҳити зисти Қазоқистон, муовини вазири корҳои хориҷии Финляндия ва дигар намояндаҳои воломақом суханронӣ намуданд.

Зимни ҳамоиш иштирокчиён хатарҳоеро, ки дар натиҷаи тағирёбии иқлим ба вуҷуд омадаанд ва амалҳои муваффақро дар соҳаи об барои бо суръат ноилшавӣ ба ҳадафҳои марбут ба тағйирёбии иқлим мавриди муҳокима қарор доданд.

Аксарият саҳми Тоҷикистонро дар татбиқи Даҳсола мусбат арзёбӣ намуда, ба тезонидани амалҳои ҳамгироёна дар ҳалли масоили захираҳои обу иқлим даъват карданд.

## Дар Ню-Йорк бо ибтикори Тоҷикистон ва Венгрия мулоқоти навбатии аъзои Кумитаи ҳидояткунандаи гурӯҳи «Дӯстони об» баргузор гардид

**Октябрь 25, 2019 13:10**

**ДУШАНБЕ, 25.10.2019 /АМИТ «Ховар»/.** *Дар шаҳри Ню-Йорк 24 октябр бо ибтикори намояндагиҳои доимии Тоҷикистон ва Венгрия дар СММ мулоқоти аъзои Кумитаи ҳидояткунандаи гурӯҳи «Дӯстони об» баргузор гардид.*

Тавре АМИТ «Ховар» бо истинод ба Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон хабар медиҳад, намояндаи доимии Тоҷикистон дар СММ Маҳмадамин Маҳмадаминов зимни суханронӣ ҳозиринро бо корҳои тадорукотии Конфронси дуввуми сатҳи баланди байналмилалӣ оид ба Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, 2018-2028» (моҳи июни 2020, Душанбе) шинос кард ва аз онҳо ҷиҳати иштироки фаъол дар раванди мазкур даъват ба амал овард.

М. Маҳмадаминов ҳамчунин оид ба натиҷаҳои ҷаласаи якуми Кумитаи машваратии байналмилалӣ (25 августи 2019, Стокҳолм) ва чорабинии канории сатҳи баланд таҳти унвони «Амалҳои муваффақ дар соҳаи об барои ноилшавӣ ба ҳадафҳои марбут ба тағйирёбии иқлим» (25 сентябри 2019, Ню-Йорк) маълумот дод.

Мавриди зикр аст, ки Кумитаи ҳидояткунандаи гурӯҳи «Дӯстони об» аз 16 кишвари аъзои СММ, аз ҷумла Бразилия, Канада, Миср, Ҳабашистон, Финляндия, Венгия, Эрон, Япония, Урдун, Лубнон, Мексика, Федератсияи Россия, Сингапур, Швейтсария, Тоҷикистон ва Таиланд иборат мебошад.

## Дар Қазоқистон доир ба ташаббусҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон конфронси илмӣ доир гардид

**Декабрь 14, 2019 10:16**

ДУШАНБЕ, 14.12.2019. /АМИТ «Ховар»/. *Тавре қаблан хабар дода будем, дирӯз дар Донишгоҳи миллии Қазоқистон ба номи ал–Форобӣ дар шаҳри Алмаатои Ҷумҳурии Қазоқистон таҳти унвони «Нақши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар масъалаҳои муҳими сайёра: Об сарчашмаи ҳаёти инсонӣ» бо иштироки олимону муҳаққиқон ва коршиносони тоҷику қазоқ конфронси илмӣ – амалӣ доир гардид.*

Конфронси мазкур дар доираи эълон гардидани Даҳсолаи байналмилалии "Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028" аз ҷониби Маҳфили "Ҷавонони дар хориҷи кишвар таҳсилдошта"- и Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар якҷоягӣ бо Консулгарии генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Алмаатои Ҷумҳурии Қазоқистон роҳандозӣ гардид. Дар кори он ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вобаста ба норасоии оби ошомиданӣ, тағйирёбии иқлими сайёра ва Даҳсолаи байналмилалии "Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028" мавриди баррасии илмӣ қарор дода шуд.

Дар кори конфронс Консули генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Алмаатои Ҷумҳурии Қазоқистон Баҳодур Назир, роҳбарияти Донишгоҳи миллии Қазоқистон, Намояндаи доимии СММ дар шаҳри Алмаатои Ҷумҳурии Қазоқистон Властимил Самек, роҳбари Хадамоти масъалаҳои савдо ва иқтисодиёти шаҳри Алмаато Миладин Миладинов, директори генералии куллии USAID дар Ҷумҳурии Қазоқистон Рабаб Шамайлеҳ, намояндаи ЮНЕСКО дар шаҳри Алмаато Серикжан Атанов, муовини ректори донишгоҳи Қазоқистону Германия, ноиби директори Фонди байналмилалии

Арал (МФСА), олимону муҳаққиқон ва коршиносони тоҷику қазоқ масъалаи мазкурро мавриди баррасии илмӣ қарор доданд.

Зикр гардид, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун лидери ташаббускор дар масъалаҳои муҳими сайёра дар арсаи байналмилалӣ шинохта гардида, ташаббусҳои он кас дар арсаи байналмилалӣ аз ҷониби олимону коршиносон ва институтҳои илмию соҳавӣ мавриди баррасии илмӣ қарор дода шудаанд. Ҳамзамон дар аксари кишварҳои олам аз ҷониби созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ вобаста ба ташаббусҳои мазкур барномаҳои миёнамуҳлат амалӣ мешаванд.

Мавриди зикр аст, ки дар кори конфронс сиёсати муваффақонаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар масъалаҳои муҳими сайёра, махсусан ташаббуси наҷиби Пешвои миллат дар самти таъмини оби ошомиданӣ мавриди омӯзиши илмӣ қарор дода шуда, андешаҳои коршиносони ҳарду давлат вобаста ба паҳлуҳои гуногуни ташаббусҳои байналмилалии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасии илмӣ қарор дода шуд.

## Дар Қазоқистон таҳти унвони «Нақши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар масъалаҳои муҳими сайёра: Об сарчашмаи ҳаёти инсонӣ» китоби илмӣ ба нашр расид

**Февраль 10, 2020 16:45**

**ДУШАНБЕ, 10.02.2020 /АМИТ «Ховар»/.** Дар шаҳри Алмаатои Ҷумҳурии Қазоқистон таҳти унвони «Нақши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар масъалаҳои муҳими сайёра: Об сарчашмаи ҳаёти инсонӣ» китоби илмӣ ба нашр расид.

Китоби мазкур аз натиҷаи Конфронси байналмилалии илмӣ – амалӣ, ки моҳи декабри соли 2019 дар шаҳри Алмаато доир гардид, ба табъ расида, дар он маҷмӯи мақолаҳои илмии олимон ва муҳаққиқони тоҷику қазоқ оид ба ташаббусҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба эълон гардидани «Даҳсолаи байналмилалии об барои рушди устувор, солҳои 2018–2028», тайғийрёбии иқлими сайёра ва дигар масъалаҳои ҷаҳонӣ дар ин самт гирд оварда шудааст. Дар ин бора аз Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба АМИТ «Ховар» хабар доданд.

Бино ба иттилои манбаъ, Конфронси байналмилалии илмӣ таҳти унвони «Нақши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар масъалаҳои муҳими сайёра: Об сарчашмаи ҳаёти инсонӣ» аз 12 то 14 декабри соли 2019 аз ҷониби Маҳфили «Ҷавонони дар хориҷи кишвар таҳсилдошта»- и Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар якҷоягӣ бо Консулгарии генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Алмаатои Ҷумҳурии Қазоқистон баргузор гардида, ташаббусҳои байналмилалии Пешвои миллат мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шуд.

Ёдовар мешавем, ки дар конфронси мазкур олимону коршиносони соҳа аз Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур, Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С.Улуғзода ва Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон иштирок ва маърӯзаҳои илмӣ намуданд.